## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Болтаева Мунира Негматовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи давраи муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ) пешниҳод шудааст.

Омӯзишу таҳқиқи ҷанбҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи давраи муосир аз ҷумла мавзуъҳои муҳим ва мубрамест, ки ҳамеша дар madди назари муҳаққиқони таърихи фалсафа, антропологияи фалсафӣ ва ҷомеашиносони кишварамон қарор дошта, ин мавзуъ ҳамеша таваҷҷуҳи олимони ватанию хориҷиро ба худ ҷалб кардааст. Таълифи рисолаи илмӣ дар мавзуи “Ҷанбаҳои консептуалии масъала худшиносӣ дар фалсафаи давраи муосир” таҳқиқоти саривақтӣ буда, бо мазмун ва мундариҷаи ҷолибаш саҳифаи тозаеро дар таърихи фалсафа, арзишшиносӣ ва худшиносӣ боз хоҳад кард.

Аз ин рӯ, тағйироти куллӣ, ки дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҷаҳон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони муосир ба вуқуъ мепайванданд, тақозо мекунанд, ки ҳар як сокини ҷумҳурӣ бештар аз пештар ба решаҳои таърихӣ, анъанаҳои мусбати пешинаи ниёгон ва мероси фарҳангии онҳо рӯ оварда, онҳоро бо дар назар доштани талаботи замони муосир дар таҳкими ҳувияти хеш ва миллати худ мавриди истифода қарор диҳанд ва дар амалияи иҷтимоӣ ҷойгоҳи худро муайян созанд.

Муҳиммияти дигари таҳқиқоти мазкур бо он далел асоснок карда мешавад, ки мубрамияти масъалаи худшиносӣ, қабл аз ҳама, бо вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷаҳон ва кишвари мо дар замони муосир муайян карда мешавад. Дар баробари ин, бунёди давлати миллӣ, ташаккул ва рушди давлатдории миллӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бадастории истиқлолияти давлатӣ идеологияи қаблии шуравиро иваз намуд, имрӯз ба яке аз рукнҳои асосии сиёсати давлатӣ табдил ёфта,

тақозо мекунад, ки дар амалишавии чунин сиёсат тамоми шаҳрвандон ҳиссагузор бошанд.

Худшиносии фардӣ ва худамалисозии ичтимоии он бошад, яке аз роҳҳои асосии омӯзиш ва илми дастрастарин ба ҳар шахсият аст, ки аз овони кӯдакии инсон то интиҳои умри шахс идома меёбад. Аз ин рӯ, ошноии бештар додани шаҳрвандони ҷумҳурӣ бо роҳҳои худшиносии фардию гурӯҳӣ дар таърихи фалсафаи миллию ҷаҳонӣ низ, ки яке аз ҳадафҳои калидии таҳқиқоти мазкур ба ҳисоб меравад, мубрамияти мавзуи диссертатсияро таъкид менамояд.

Маводи дар қисмати дараҷаи омӯзиши мавзуъ таҳлил ва коркардкардашуда ба кори илмии мазкур алоқамандӣ доранд. Мақсади тадқиқот омӯзиши ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ буда, дар рисолаи тадқиқотӣ ба якчанд гурӯҳ тасниф карда шудааст.

Асосҳои методологии таҳқиқотро маҷмуи принсипҳо ва муносибатҳо, усулҳои таҳқиқотии фалсафӣ ва мантиқии маърифат ва дақиқ кардани масъалаҳои матраҳшуда, аз ҷумла, методи таҳқиқотии таърихӣ, фалсафӣ-муқоисавӣ, мантиқӣ-таҳлилӣ, герменевтикӣ, низомнокӣ, муносибати байнифаннӣ, ки бо соҳаи фалсафаи ичтимоӣ иртибот дорад ва ғайра ташкил медиҳанд. Ба сифати сарчашмаҳои илмӣ-назариявӣ асарҳои файласуфон, ҷомеашиносон, фарҳангшиносони ватанию хориҷӣ мавриди истифода қарор дода шуданд.

Навгонии илмии таҳқиқот қабл аз ҳама, аз тарзи гузориш ва ҳалли масъала – баррасии маҷмуии ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ дар таърихи фалсафаи муосир бармеояд: таърифи худшиносӣ, ки ҳам аломатҳои худшиносии фардӣ ва ҳам худшиносии гурӯҳиро дар бар мегирад, пешниҳод гардидааст; таснифоти худшиносӣ дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик ба навъҳои худшиносии динӣ, ирфонӣ ва ақлонӣ сурат гирифтааст; таҳқиқи ҷанбаҳои консептуалии масъалаҳои худшиносӣ аз нигоҳи фалсафа, психология, илмҳои наве чун акмеология

ва валеология дар пайвастагӣ бо ҳам анҷом дода шуда, ҷанбаҳои амалии худшиносӣ дар мисоли худамалисозии иҷтимоӣ ва механизмҳои он нишон дода шудаанд; таносуби мафҳумҳои худшиносӣ ва бегонашавӣ дар асоси таълимоти К. Маркс ва Э. Фромм равшан карда шудааст; ақидаҳои мутафаккирону муҳаққиқони фалсафа доир ба нақши шахсияти худшинос ва худшиносии гурӯҳӣ дар шакли худшиносии миллӣ дар рушди ҷомеа ба доираи таҳқиқоти илмӣ ворид карда шудаанд.

Таҳқиқот ба талаботи Шиносномаи тахассус - 09.00.03 – Таърихи фалсафа мувофиқат мекунад. Дар хулоса натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳо ҷамъбаст карда шудаанд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, муайян намудани объект ва предмети тадқиқот, мушаххас намудани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва таҳлилу тафсири маълумотҳои бадастомада, коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳоди тавсияҳои амалӣ инъикос меёбад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда чопнамудаи муаллиф, мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Хулосаҳое, ки дар автореферати диссертатсия пешниҳод шудаанд, натиҷаи тадқиқоти мустақилонаи унвонҷӯ маҳсуб мешаванд.

Бояд қайд кард, ки дар автореферати диссертатсияи тақризшаванда дар баробари дастовардҳои зиёди илмӣ камбудиҳои техникию грамматикӣ низ ҷой доранд.

Эроди мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии диссертатсияро коста намегардонанд.

Ҳамин тариқ, аз таҳлилу баррасии автореферати диссертатсияи Болтаева Мунира Негматовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи давраи муосир» ба хулоса омадан мумкин аст, ки мавзуи таҳқиқот дар шароити имрӯза мубрам мебошад ва он ба талаботи муқарраргардидаи Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа мебошад.

Тақриздиҳанда:
номзади илмҳои фалсафа,
профессори кафедраи фанҳои ҷамъиятии
ДДҲБСТ Ҷӯраев А.Ҳ.

Суроға: индекс 735690, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, ҷамоати Ҳайдар Усмон
кӯчаи Ориён, 16
Тел.: (+992) 927524466
E-mail:juraev@mail.ru

Имзои Ҷӯраев А.Ҳ - ро тасдиқ менамоям:
Сардори шӯъбаи кадрҳои ДДҲБСТ Бобоев А.Х.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроғаи муассиса:
Индекс 735700, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 17, хонаи 1
Тел.: (+992- 3422) 2 38 11
E-mail:Info@tsulbp.tj
6 08 соли 2025.

ДДҲБСТ
имзои Ҷӯраев А.Ҳ.
тасдиқ менамоям
сардори шӯъбаи кадрҳо